# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ бо суръат идома дошта, таъсири рӯзафзуни техникаву технологияи муосир тамоми соҳаҳоро фаро гирифтааст, зарурати мутобиқсозии низоми таълим ба талаботи асри рақамӣ ва бозори меҳнати муосир муҳиммияти беш аз пешро касб менамояд. Аз ин рӯ дарсҳои технология бояд на танҳо донишҳои анъанавиро пешниҳод кунанд, балки маҳоратҳои амалии эҷодӣ, салоҳиятҳои касбӣ ва малакаҳои ҳаётиро низ рушд диҳанд. Истифодаи усулҳои муосири педагогӣ, аз омӯзиши лоиҳавӣ то методҳои интерактивӣ, ба баландбардории ҳавасмандии хонандагон ва самаранокии таълим мусоидат мекунад. Дар шароити рушди саноат ва соҳибкорӣ, технология (таълими меҳнат) метавонад воситаи муҳимми омодасозии насли ҷавон барои фаъолияти истеҳсолӣ ва инноватсионӣ гардад.

Дар иртибот ба ин мубрам ва муҳим будани таҳқиқи илмии ин мавзуъ барои такмили барномаҳои таълимӣ ва сиёсати кадрии соҳаи маориф аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад, ки ба таври мушаххас аз ҷониби муҳаққиқ Акобир Риоев мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар кори илмӣ муҳаққиқ дар муқаддима аҳамият ва зарурати омӯзиши мавзуи фавқ муфассал баён кардааст.

Дар автореферати мавриди назар оид ба технологияи муосири педагогӣ ва масъалаҳои умумии назариявии омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат), роҳу усулҳои истифодаи самараноки таълими фанни технология, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти вижа дода шудааст.

Муҳаққиқ дар такя ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ моҳияти мавзуъро баррасӣ намуда, дараҷаи таҳқиқотро дар ин самт амиқан тавзеҳ додааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиш дақиқназарона ироа гардидаанд ва барои иҷрои он мақсад гузошта шуда, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ оид ба истифодаи технологияи муосири педагогӣ баррасӣ гардида, ҷиҳати арзёбии вазъи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дуруст ақидаҳо пешниҳод гардидаанд.

Нововарии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳам дар интихоби ҷиҳати ҷолиби масъала ва ҳам дар методикаи таҳқиқот, ки аз ҷониби муҳаққиқ истифода шудааст, зоҳир мегардад. Ӯ мушкилоти мавҷудаи соҳаро барои пешрафти илму маориф тавассути таҳлили муқоисавӣ дар ин самт ба таври муфассал кушода кардааст.

Дар асоси омӯзиши автореферат арзишмандии кори диссертатсионии Риоев Акобирро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

- муҳаққиқ махсусият ва шароитҳои педагогии ҷорӣ намудани тенологияҳои муосири педагогӣ дар ҷараёни омӯзонидани фанни технология (таълими меҳнат)-ро дар МТМУ ошкор ва муайян намудааст;
- меъёр, роҳ ва тарзҳои истифодаи технологияҳои муосири педагогиро дар мазмуни таълими фанни технология (таълими меҳнат) муайян ва роҳҳои самараноки ташкили раванди таълим бо истифодаи технологияи муосири таълим ошкор намудааст;
- ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) ҳангоми истифода аз технологияҳои муосиру инноватсионии таълим коркард, маҷмуи маводи таълимию методӣ роҷеъ ба роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон, ки шароитҳои педагогиро фаро мегиранд, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва тариқи озмоиш санҷида муайян кардааст;
- усулҳои ташхиси самаранокии технологияҳои инноватсионии таълими фанни технология (таълими меҳнат) таҳия карда шуда, дар ин замина, як қатор равишҳои фаъоли таълимро коркард намудааст, ки ба баланд шудани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон мусоидат мекунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои пешниҳодшуда имконият медиҳанд, ки самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) боз ҳам беҳтар карда шавад. Роҳу усулҳои пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

Мундариҷа ва мазмуни асосии таҳқиқоти гузаронидаи Риоев Акобир Мирзоевич дар автореферати диссертатсия инъикоси худро ёфтааст. Интишороти муаллиф нуктаҳои муҳим ва асосии таҳқиқотро дар бар мегирад.

Муҳаққиқ авторефератро дар сатҳи баланди илмӣ таълиф намудааст, ки аҳаммияти муҳимми назариявию амалиро соҳиб мебошад, дар матни автореферат нуқсонҳои услубию имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд, ки ислоҳи он зарур аст.

Дар маҷмуъ, автореферати Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» далолат медиҳад, ки диссертатсия ба дараҷаи баланди илмӣ таълиф шуда, ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор аст.

Муқарриз:Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои табиӣ-риёзӣ
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода. Бобокалонов С.Н.

26.09.2025

«Имзои Бобокалонов Суҳробро тасдиқ мекунам»

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсусии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

Нишонӣ: 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. тел.112206363